# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

### Дар бораи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан

Мутобиқи моддаи 79 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан тасдиқ карда шавад (замима мегарданд).

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2013, №323 "Дар бораи Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақамҳои мушаххаси андозсупорандагон, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан" аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

аз 29 июли соли 2022, № 360

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29 июли соли 2022, №360

## Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан (минбаъдҚоидаҳо) тартиби баҳисобгирӣ, додани рақами мушаххаси андозсупоранда, муқаррар намудани рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштанро муайян менамояд.

2. Бо мақсади таъмини назорати андоз ҳамаи андозсупорандагон, агентҳои андоз, воҳидҳои алоҳидаи таъсиснамудаи онҳо (филиалҳо, намояндагиҳо, муассисаҳои доимӣ ва ғайра), инчунин шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба синни 16 расидаанд, бояд дар мақомоти андоз ба ҳисоб гирифта шаванд.

3. Баҳисобгирии андозсупорандагон дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- аризаи хаттии андозсупоранда ё намояндаи ваколатдори ӯ;

- иттилооти мақоми ваколатдори давлатӣ ва (ё) мақомоти дигар;

- иттилооти ташкилоти қарзии молиявӣ;

- иттилооти мақомоти ҳудудии андоз.

4. Баҳисобгирии андозсупорандагон дар мақомоти андоз инҳоро дар бар мегирад:

- баҳисобгирии шахси воқеӣ;

- баҳисобгирии шахси ҳуқуқӣ;

- баҳисобгирии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин муассисаи доимии шахси ҳуқуқии хориҷӣ;

- баҳисобгирии намояндагиҳои дипломатӣ ва намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашудаи давлатҳои хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд;

- баҳисобгирии андозсупорандагон ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда тибқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кодекси андоз);

- баҳисобгирии андозсупоранда ба сифати андозсупорандаи электронӣ;

- баҳисобгирии андозсупоранда дар маҳалли ҷойгиршавии объекти андозбандӣ.

5. Баҳисобгирӣ дар мақомоти андоз ба тариқи зерин амалӣ карда мешавад:

1) шахси воқеӣ - дар маҳалли истиқомати (бақайдгирии) дар асоси аризаи шахси воқеӣ ё иттилооте, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ пешниҳод мегардад;

2) шахси ҳуқуқӣ-резидент - дар маҳалли ҷойгиршавӣ, дар маҳалли ҷойгиршавии воҳидҳои алоҳидаи он, инчунин дар маҳалли ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқул ва воситаҳои нақлиёти ба у тааллуқдошта;

3) шахси ҳуқуқӣ - ғайрирезидент, ки фаъолияташро тавассути муассисаи доимӣ бе таъсис додани филиал ё намояндагӣ амалӣ менамояд, дар маҳалли дар аризаи баҳисобгирӣ нишон дода, аз ҷумла:

- дар маҳалли бақайдгирии давлатии андозсупоранда, ки ваколатҳои намояндагии доимии ин ғайрирезидентро амалӣ менамояд;

- дар маҳалли бақайдгирии давлатии андозсупоранда, ки функсияҳои агенти андозро оид ба пардохт намудани андозҳо аз манбаи пардохти даромадҳои ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;

4) шахси воқеӣ-ғайрирезидент (аз ҷумла шахси бешаҳрванд)дар маҳалли муваққатии истиқомат (ё будубош) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар варақаи муҳоҷирати ӯ нишон дода шудааст. Агар тибқи муқаррароти созишномаҳои байналмилалии андоз мавҷудияти варақаи муҳоҷиратӣ пешбинӣ нашуда бошад, пас маҳалли будубоши шахси воқеӣ-ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳалле эътироф мешавад, ки дар аризаи ба мақомоти андоз пешниҳодшуда дарҷ гардидааст;

5) шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, аз ҷумла ғайрирезиденте, ки дар асоси муносибатҳои шартномавӣ ба шахс барои манфиатҳои онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ кардан, аз номи он амал намудан ва ё баимзорасонии шартномаҳо, ҳамчун муассисаи доимии шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент баррасӣ карда мешавад, ухдадор аст дар давоми 10 рӯзи корӣ аз санаи ба имзо расонидани шартномаи дахлдор бо шарики худ ё дар давоми 10 рӯзи корӣ аз санаи амалан оғоз намудани чунин фаъолият бо мақсади ба шахси ҳуқуқӣғайрирезидент додани рақами мушаххаси андозсупоранда, ба мақомоти андоз дар бораи ба ҳисоб гузоштани шарикаш - шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезидент ариза пешниҳод намояд.

6. Санаи оғози фаъолияти ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз рӯзҳои зерин эътироф мешавад:

- санаи бастани шартнома дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои харид ва фурӯши мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ), амалӣ намудани фаъолияти муштарак (иштирок дар рафоқати оддӣ) ва додани ваколат ба шахси дигар барои аз номи ӯ анҷом додани амалҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- санаи бастани шартномаи меҳнатӣ ё шартномаи дигари дорои хусусияти граждании ҳуқуқӣ бо шахси воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- санаи бастани шартномаи хариду фурӯш ё иҷораи молу мулк барои кушодани идора (дафтари корӣ);

- дар ҳолати мавҷуд будани якчанд шартнома, санаи фаъолияти ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи бастани шартномаи аввалин ба ҳисоб меравад.

7. Ғайрирезидент ҳамчунин дорои муассисаи доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобида мешавад, агар:

- тавассути агенти ваколатдор ҷамъоварии мукофоти суғуртавӣ ва (ё) суғуртакунӣ ё азнавсуғуртакунии таваккалро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом диҳад;

- иштирокчии шартнома дар бораи фаъолияти муштарак (рафоқати одӣ) бошад, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намояд;

- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намоишгоҳҳои музднок гузаронад ва (ё) дар ин намоишгоҳҳо таҳвил (фурӯш)-и молро анҷом диҳад;

- дар асоси муносибатҳои шартномавӣ ба шахс барои манфиатҳои ӯро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ кардан, аз номи ӯ амал намудан ва ё баимзорасонии шартномаҳо ваколат диҳад;

- шахсро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нигоҳ доштани захираи мол ва анҷом додани таҳвили мунтазам аз номи ӯ ваколатдор намояд;

- муассисон ё шахсони идоракунандаи шахси ҳуқуқӣ-резидент ва ғайрирезидент мутақобилан вобаста бошанд;

- намояндагиҳои дипломатӣ ва намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашудаи давлатҳои хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд, дар маҳалли ҷойгиршавии онҳо дар асоси ариза ва (ё) маълумоти Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8. Ба ҳисоб гузоштани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣғайрирезидентҳо, ки фаъолияташонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе таъсис додани филиал ва (ё) намояндагӣ амалӣ менамоянд, асос барои аз ҷониби онҳо мустақилона пардохт намудани андозҳо шуда наметавонад, агар Кодекси андоз тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

9. Ҳуҷҷате, ки ба ҳисоб гузоштани андозсупорандаро дар мақомоти андоз тасдиқ менамояд, шаҳодатнома дар бораи гирифтани рақами мушаххаси андозсупоранда мебошад.

10. Ба ҳисоб гирифтан ва аз ҳисоб баровардани андозсупоранда дар мақомоти андоз ройгон амалӣ карда мешавад.

11. Дар ҳолати фавт ё ғайри қобили амал эътироф шудани шахси воқеӣ, инчунин азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳӣ ё қатъи фаъолияти шахсоне, ки дар қисми 13 моддаи 78 Кодекси андоз пешбинӣ нашудаанд, хориҷ намудани онҳо аз Феҳрист аз ҷониби мақомоти дахлдори андоз анҷом дода мешавад.

12. Баҳисобгирии молу мулки ғайриманқул, воситаҳои нақлиёт ва дигар объектҳои андозбандӣ дар маҳалли ҷойгиршавии онҳо дар асоси маълумоти дар речаи онлайн пешниҳоднамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба бақайдгирии воситаҳои нақлиёт ва молу мулки ғайриманқул амалӣ карда мешавад.

13. Дар сурати барои андозсупоранда ба вуҷуд омадани мушкилиҳои вобаста ба муайян намудани маҳалли ба ҳисоб гузоштан, дар асоси иттилооти пешниҳоднамудаи ӯ мақомоти андози маҳалли истиқомати шахси воқеӣ ё маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда - шахси ҳуқуқӣ қарори дахлдор қабул менамоянд.

14. Мақомоти андоз дар асоси далелҳо ва маълумоти дар ихтиёр доштааш, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ ба онҳо пешниҳод шудаанд, инчунин маълумоти ба онҳо дастрасшуда, ки барои мақсадҳои баҳисобгирӣ зарур ва кифоя мебошад, мустақилона (то лаҳзаи аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод намудани ариза) баҳисобгирии андозсупорандагонро дар мақомоти андоз таъмин менамояд.

15. Дар мақомоти андоз баҳисобгирии шахсони воқеӣ дар давоми як рӯзи корӣ, баҳисобгирии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ (ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматӣ)-и давлатҳои хориҷӣ ё қайди баҳисобгирии филиалу намояндагиҳои онҳо ва иттиҳодияҳои динӣ дар давоми ду рӯзи корӣ аз санаи пешниҳоди ариза амалӣ карда мешавад.

16. Шахсони хориҷие, ки тибқи муқаррароти моддаи 277 Кодекси андоз мустақиман ба шахсони воқеӣ хизматрасониҳои фосилавиро (электрониро) анҷом медиҳанд, дар асоси пешниҳоди ариза мутобиқи замимаи 9 Қоидаҳо ва ҳуҷҷатҳои дигар ба ҳисоб гузошта (аз ҳисоб бароварда) мешаванд. Ариза дар бораи ба ҳисоб гирифтан (аз ҳисоб баровардан) аз ҷониби шахсони хориҷӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи оғоз (қатъ) намудани хизматрасониҳои электронӣ пешниҳод карда мешавад.

## 2. ҚОИДАҲОИ ДОДАНИ РАҚАМИ МУШАХХАСИ АНДОЗСУПОРАНДА

17. Ба ҳар андозсупоранда-шахси воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ, филиал ва (ё) намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ҳангоми баҳисобгирӣ дар мақомоти андоз ба сифати андозсупоранда рақами мушаххаси андозсупоранда дода мешавад. Инчунин ҳангоми бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, филиал ва (ё) намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ дар баробари додани рақами ягонаи мушаххаси бақайдгирии давлатӣ рақами мушаххаси андозсупоранда ва шаҳодатнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда низ дода мешавад, ки он метавонад дар асоси дархости мақомоти ваколатдори дахлдори давлатӣ тавассути системаи ҳамгироии иттилоотии андоз пешниҳод карда шавад.

18. Расмиёти баҳисобгирӣ, пешниҳоди рақами ягонаи мушаххас, рақами мушаххаси андозсупоранда ва шаҳодатнома ройгон анҷом дода мешавад.

19. Рақами мушаххас ба андозсупоранда танҳо як маротиба дода шуда, тағйир дода намешавад ва наметавонад ба андозсупорандаи дигар (ҳама гуна шахси дигари воқеӣ ё ҳуқуқӣ) ҳатто дар ҳолати барҳам дода шудани ҳамин андозсупоранда-шахси ҳуқуқӣ (воҳиди алоҳидаи он), қатъ гардидани фаъолияти филиали (намояндагии) шахси ҳуқуқии хориҷӣ ё вафоти андозсупоранда-шахси воқеӣ дода шавад.

20. Мақомоти дахлдори андоз ба шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ шаҳодатнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда медиҳад.

21. Шахсони воқеӣ-резидентони то синни 16 Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ихтиёран ва шахсоне, ки ба синни 16 расидаанд, уҳдадоранд барои гирифтани рақами мушаххаси андозсупоранда ба мақомоти андоз муроҷиат намоянд.

22. Новобаста ба муқаррароти дигари Қоидаҳо, шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ-ғайрирезиденте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти андозбандӣ дорад, инчунин шахсони хориҷие, ки мустақиман ба шахсони воқеӣ хизматрасониҳои фосилавӣ (электронӣ)-ро анҷом медиҳанд, бо пешниҳоди ариза аз лаҳзаи ба миён омадани уҳдадорӣ оид ба пардохти андозҳо дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуда, бо рақами мушаххаси андозсупоранда таъмин карда мешаванд.

23. Рақами мушаххаси андозсупоранда аз нуҳ аломати рақамӣ иборат буда, бо тариқи рақамгузории электронӣ ташаккул ёфтааст ва дорои иттилооти зерин мебошад:

**Эзоҳ:**

**NN** - рамзи нозироти андозе, ки ин андозсупорандаро ба ҳисоб гузошта, бо рақами мушаххаси андозсупоранда таъмин намудааст;

**A** - рақаме, ки мақоми андозсупорандаро муайян менамояд, аз ҷумла:

- аз 0 то 4 - аломати андозсупоранда-шахси ҳуқуқӣ;

- аз 5 то 9 - аломати андозсупоранда-шахсони воқеӣ;

**XXXXX** - рақами тартибии андозсупорандагон;

**C** - рақами назоратии алгоритмӣ, ки ҳолатҳои рақамгузории комилан мутобиқро истисно мекунад.

24. Бо мақсади ба ҳисоб гузоштан ва гирифтани рақами мушаххаси андозсупоранда, шахси воқеӣ-шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор аст, ки ба мақомоти андози маҳалли зисти худ дар баробари аризаи бо Қоидаҳо тасдиқшуда, шиносномаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шаҳодатномаи таваллудро, ки шахсияти ӯро тасдиқ мекунад, бо дар назар доштани ҳуҷҷати тасдиққунандаи маҳалли истиқомат пешниҳод намояд. Инчунин ба шахси воқеӣ-шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани рақами мушаххаси андозсупоранда ва шаҳодатнома бо дархости мақоми ваколатдори давлатӣ тавассути системаи ҳамгироии иттилоотии андоз дар реҷаи мустақим (онлайн) ҳангоми барасмиятдарории шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

25. Шахси воқеии хориҷӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба даст овардани даромад меояд, уҳдадор аст, ки дар баробари пешниҳоди ариза барои барасмиятдарории фаъолияти соҳибкории худ, инчунин ба мақомоти

андоз мутобиқи замимаи 2 Қоидаҳо ариза барои гирифтани рақами мушаххаси андозсупоранда пешниҳод намояд.

26. Шахси воқеии хориҷӣ бо мақсадҳои гузоштан дар баҳисобгирӣ ва гирифтани рақами мушаххаси андозсупоранда уҳдадор мебошад, ки ба мақомоти андози маҳалли истиқомат (будубош)-и муваққатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар варақаи муҳоҷирати он нишон дода шудааст, мутобиқи замимаи 2 Қоидаҳо ариза, нусхаи шиноснома (ва ё ҳуҷҷати онро ивазкунанда) бо тарҷума ба забони давлатӣ, ки бо тариқи нотариалӣ тасдиқ шудааст (варақаи бақайдгирӣ) пешниҳод намояд.

27. Новобаста ба муқаррароти пешбининамудаи Қоидаҳо, шахсони ҳуқуқии хориҷие, ки фаъолияти худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути филиал ва намояндагиҳо амалӣ менамоянд, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" аз қайди давлатӣ гузашта, бо рақами мушаххаси андозсупоранда таъмин намудани онҳо аз ҷониби мақоми бақайдгирандаи давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

28. Шахсони ҳуқуқӣ (резидентҳо), инчунин филиал ва намояндагиҳои таъсиснамудаи онҳо, ки бақайдгирии онҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ (мақомоти андоз) амалӣ мегардад, аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ба ҳисоб гузошта, бо рақами мушаххаси андозсупоранда таъмин карда мешаванд.

29. Мақоми ҳуқуқии шахсони гуреза тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи гурезаҳо" муайян гардида, бо мақсади ба ҳисоб гузоштан ва гирифтани рақами мушаххаси андозсупоранда шахси гуреза уҳдадор аст ба мақомоти андози маҳалле, ки ҳуқуқи иқоматро доро мебошанд, бо пешниҳод намудани ҳуҷҷате, ки гуреза будани шахсро тасдиқ мекунад, муроҷиат намояд.

30. Ба ҳисоб гузоштан ва таъмини мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо рақами мушаххаси андозсупоранда дар мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавӣ (суроға)-и он мутобиқи замимаи 3 Қоидаҳо бо пешниҳоди ариза анҷом дода мешавад.

31. Шахсони ҳуқуқие, ки бақайдгирии давлатии онҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби дигар мақомоти давлатӣ ба амал бароварда мешавад, дар мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавӣ (суроға)-и онҳо мутобиқи замимаи 3 Қоидаҳо дар асоси пешниҳоди ариза ба баҳисобгирӣ гузошта шуда, бо рақами мушаххаси андозсупоранда таъмин карда мешаванд.

32. Ҳангоми ба ҳисоб гузоштан шахсони ҳуқуқие, ки дар бандҳои 27 ва 28 Қоидаҳо зикр гардидаанд, ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавӣ (суроға)-и худ бо ариза муроҷиат менамоянд, инчунин мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи тасдиқшудаи шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи таъсисёбии шахси ҳуқуқиро пешниҳод менамоянд.

33. Ҳангоми иваз намудани ҷойи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ, инчунин иваз намудани маҳалли зист (қайд)-и шахси воқеӣ, чунин шахсон уҳдадоранд пас аз иваз намудани ҷойи фаъолият ё маҳалли зист мақомоти андозро дар муҳлати 5 рӯзи корӣ хабардор намоянд.

34. Рамзҳои минтақавии мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ (мақомоти андоз) муайян карда мешаванд.

## 3. ҚОИДАҲОИ ИСТИФОДАИ РАҚАМИ МУШАХХАСИ АНДОЗСУПОРАНДА

35. Андозсупорандагон уҳдадоранд рақами мушаххаси худро дар ҳисоботи андозӣ, мукотибот бо мақомоти андоз, гумрук ё молия, дар муносибатҳои мутақобила бо дигар мақомоти ваколатдор, дар эъломияҳои гумрукӣ, ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, харҷномаҳо, чекҳои дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ, ҳуҷҷатҳои корӣ, шартномаҳо, бланкҳо ва муҳрҳо нишон диҳанд.

36. Анҷом додани амалиётҳои нотариалӣ, аз ҷумла амалиёт бо молу мулки ғайриманқул ва воситаҳои нақлиёт, ки барои онҳо ситонидани боҷи давлатӣ пешбинӣ шудааст, инчунин додани иҷозатномаҳо, иҷозатҳо ва шаҳодатномаҳои бақайдгирии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ба кор қабул намудан, кушодани суратҳисобҳои бонкӣ ва ё воситаи дигари ҳисоботи молиявӣ, маблағгузаронӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он, насия додани молҳо (бо пардохти арзиши онҳо аз рӯи муҳлатҳо), додани қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ба истиснои амалиёти воридот ва хароҷот аз рӯи ҳисобҳои амонатии (пасандозии) шахсони воқеӣ ва барасмиятдарории амалиётҳои иқтисодии хориҷӣ бе пешниҳоди рақами мушаххаси андозсупоранда манъ аст.

37. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ уҳдадоранд, ки суратҳисобҳои бонкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро (ба истиснои суратҳисобҳои пасандозии шахсони воқеӣ) танҳо бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳое, ки аз ҷониби мақомоти андоз додани рақами мушаххаси андозсупорандаро тасдиқ менамоянд, инчунин мутобиқи замимаи 6 Қоидаҳо мактуби ахборӣ тавассути системаи иттилоотии дахлдор дар бораи кушодани суратҳисобҳои бонкӣ кушоянд, ҳамзамон дар муҳлати 5 рӯз ба воситаи шабакаҳои алоқаи электронӣ мақомоти андозро дар хусуси аз ҷониби андозсупоранда кушодани суратҳисоби бонкӣ огоҳ намоянд.

38. Пешниҳоди маълумот дар шакли электронӣ оид ба кушодани суратҳисоби бонкии андозсупоранда бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти андоз ва ташкилоти қарзии молиявӣ анҷом дода мешавад.

## 4. ҚОИДАҲОИ ТАҒЙИР ДОДАН, ИСЛОҲ НАМУДАН ВА БЕКОР КАРДАНИ РАҚАМИ МУШАХХАСИ АНДОЗСУПОРАНДА

39. Дар ҳолатҳои истисноӣ дар сурати аз ҷониби мақомоти андоз роҳ додани иштибоҳ ҳангоми ба ҳисоб гузоштани андозсупоранда ва додани рақами мушаххаси андозсупоранда (нодуруст додани рақами мушаххаси андозсупоранда, додани ҳамон як рақами мушаххаси андозсупоранда ба андозсупорандагони гуногун ё додани зиёда аз як рақами мушаххаси

андозсупоранда ба ҳамон як андозсупоранда), рақами мушаххаси андозсупорандаи додашуда бояд тағйир дода шавад.

40. Ҳангоми ислоҳ намудани рақами мушаххаси андозсупоранда, мақомоти андоз ухдадор аст, ки аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нусхаи аслии шаҳодатнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупорандаро бозхонд намояд ва бар ивази он шаҳодатномаи навро бо дар назар доштани ислоҳоти воридшуда диҳад.

41. Рақами мушаххаси ба шахси воқеӣ додашуда танҳо дар ҳолатҳои фавт, дар асоси қарори суд фавтида ё бедарак ғоиб эътироф шудан ва дар асоси маълумоти мақомоти бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва (ё) мурожиати хаттии шахсони наздик (хешу табор) аз ҷониби мақомоти андозе, ки ин шахси воқеӣ дар қайди он мебошад, бекор карда мешавад.

42. Рақами мушаххаси шахси ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагиҳои таъсиснамудаи он, ки ба ҳисоб гузоштани онҳо мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" анҷом дода шудааст, дар мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ тибқи тартиби пешбининамудаи Қонуни зикргардида бекор карда мешавад.

43. Рақами мушаххаси андозсупорандаи шахси ҳуқуқӣ инчунин метавонад дар ҳолати мавҷуд будани яке аз асосҳои зерин бекор карда шавад:

- агар қарори суд оид ба барҳамдиҳӣ ва ё муфлис эътироф кардани шахси ҳуқуқӣ қабул шуда бошад;

- ҳангоми аз қайди давлатӣ нагузаштани андозсупоранда ва ё нагузаштани азнавбақайдгирӣ дар мухлати муқарраргардида;

- ҳангоми азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ дар шакли муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ ва тақсимшавӣ.

44. Рақами мушаххаси шахсони ҳуқуқӣ, инчунин намояндагиҳои дипломатӣ ва намояндагиҳои ба онҳо баробаркардашудаи давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд, танҳо дар ҳолати барҳамдиҳӣ ва қатъ шудани фаъолияти онҳо бекор карда мешавад. Бекоркунии рақами мушаххаси андозсупорандаи чунин субъектҳо, аз ҷониби мақомоти андози маҳалли баҳисобгирӣ мутобиқи замимаи 4 Қоидаҳо бо пешниҳоди ариза амалӣ карда мешавад.

45. Ҳангоми барҳамдиҳӣ андозсупоранда ухдадор аст, ки нусхаи аслии шаҳодатнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупорандаро ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии худ ва (ё) мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ баргардонад.

46. Ҳангоми бекор кардани рақами мушаххаси андозсупоранда, мақомоти андоз ухдадор аст дар давоми 1 рӯзи корӣ ба андозсупоранда мутобиқи замимаи 5 Қоидаҳо маълумотнома дар бораи аз Феҳристи ягонаи давлатии андозсупорандагон хориҷ намудани андозсупоранда пешниҳод намояд.

47. Ҳангоми аз тарафи андозсупоранда гум кардани нусхаи аслии Шаҳодатнома дар бораи додани рақами мушаххаси андозсупоранда, мақомоти андоз ухдадор аст, ки баъди пешниҳоди аризаи хаттӣ на дертар аз 1

рӯзи корӣ андозсупорандаро бо шаҳодатномаи нав бо сабти "Нусха" таъмин намояд.

48. Шахсони ҳуқуқӣ (ба истиснои шахсони ҳуқуқие, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" аз қайди давлатӣ гузаштаанд) дар мавриди иваз намудани номгузорӣ ё суроғаи ҳуқуқӣ, инчунин шахсони воқеӣ ҳангоми иваз насаб, ном, номи падар ва ҷойи зист ӯҳдадоранд дар муддати 30 рӯзи корӣ ҷиҳати ворид намудани тағйирот ба мақомоти андоз муроҷиат намоянд.

## 5. ҚОИДАҲОИ ДОДАНИ РАМЗҲОИ САБАБҲОИ БАҲИСОБГИРӢ

49. Рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ рамзи махсуси баҳисобгирӣ мебошад, ки он аз ҷониби мақомоти андоз ҳангоми мавҷуд будани воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ, дигар объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои марбут ба андозбандии шахсони зикргардида бо мақсади таъмини назорат, ситонидани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет дода мешавад.

50. Ҳангоми фаъолият дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути воҳиди алоҳида (ба истиснои филиал ва намояндагиҳо), мутобиқи замимаи 7 Қоидаҳо ариза дар бораи ба ҳисоб гузоштани воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавӣ (суроға)-и он дар муддати 5 рӯзи тақвимӣ баъди таъсиси чунин воҳиди алоҳида пешниҳод карда мешавад.

51. Дар ҳолати мавҷуд будани воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ, дигар объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои марбут ба андозбандӣ, мувофиқи тартиб ва шакли тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба шахсони зикргардида тибқи Қоидаҳо рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан муқаррар карда мешаванд. Ин гуна рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштан инчунин ба муассисаи доимии ғайрирезиденте, ки фаъолияти худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе филиал (намояндагӣ) ё агентҳои ваколатдорнамудаи худ анҷом медиҳад, муқаррар карда мешаванд.

52. Рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ аз дувоздаҳ аломат (рақам ва ҳуруфоти лотинӣ)-и бо усули электронӣ ташаккулёфта иборат буда, дорои иттилооти зерин мебошад:

Эзоҳ:

**AA** - рамзи нозироти андозе, ки ин андозсупорандаро ба қайд гузоштааст (рақамӣ);

**BB** - рамзи нозироти андозе, ки воҳиди алоҳидаи таъсиснамудаи андозсупорандаро дар маҳалли ҷойгиршавии объекти андозбандӣ ва (ё) объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд ба қайд гузоштааст (рақамӣ);

**C** - шахси ҳуқуқӣ;

**D** - рамзи сабабҳои ба ҳисоб гузоштан, аз ҷумла:

**A** - вобаста ба молу мулки ғайриманқул;

**B** - вобаста ба воситаи нақлиётии ба қайд гирифташуда;

**C** - вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои андоз оид ба пардохти дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва (ё) маҳаллӣ;

**D** - вобаста ба низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ;

**E** - вобаста ба низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягонаи кишоварзӣ);

**F** - вобаста ба пардохти андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ мутобиқи қисми 1 моддаи 241 Кодекси андоз;

**G** - вобаста ба пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ мутобиқи қисми 3 моддаи 243 Кодекси андоз;

**N** - вобаста ба бақайдгирии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда мутобиқи сархати чоруми қисми 1 моддаи 245 Кодекси андоз;

**FFFFF** - аломати тартибии бо ҳуруфоти лотинӣ (аз A то Z)ташаккулёбанда, ки рақами тартибии бақайдгирии объекти андозбандӣ ва (ё) объекти ба андозбандӣ алоқаманди андозсупорандаро муайян месозад ва тартиби ташаккули он аз ҷониби мақомоти андоз муқаррар карда мешавад;

**J** - ҳарфи назоратӣ, ки тавассути ҳуруфоти лотинӣ (аз A то Z) ташаккул ёфта, ҳолатҳои рамзгузории комилан мутобиқро истисно мекунад.

53. Ариза дар бораи баҳисобгирии молу мулки ғайриманқул, воситаҳои нақлиёт ва дигар объектҳои андозбандӣ ё объектҳои бо андозбандӣ алоқаманд дар маҳалли ҷойгиршавиашон аз ҷониби андозсупоранда дар давоми 10 рӯзи пас аз ба миён омадани ҳолатҳои дахлдор пешниҳод карда мешавад.

54. Мақомоти андоз ҳуқуқ доранд дар асоси далелҳо ва маълумоти дар ихтиёр доштааш, ки мутобиқи моддаи 81 Кодекси андоз аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ ба онҳо пешниҳод шудаанд, инчунин иттилооти ба онҳо дастрасшуда, ки барои мақсадҳои ба баҳисобгирӣ зарур ва кифоя мебошад, мустақилона (то давраи аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод намудани ариза) ба ҳисоб гузоштани андозсупорандагонро дар мақомоти андоз таъмин намоянд.

55. Мақомоти андоз уҳдадор аст, ки дар муҳлати 3 рӯзи корӣ баъди пешниҳоди тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ андозсупорандаро дар маҳалли ҷойгиршавии объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои ба андозбандӣ алоқаманди он ба ҳисоб гузорад ва дар ҳамин муҳлат бо тасдиқнома дар бораи додани рамзҳои сабабҳои баҳисобгирӣ таъмин созад.

56. Рамзҳои сабабҳои баҳисобгирӣ ба андозсупоранда дода шуда, танҳо дар асоси муроҷиати хаттии андозсупоранда бо пешниҳоди ариза ва (ё) ҳангоми риоя накардани талаботи қонунгузории андоз аз ҷониби мақомоти андоз бекор карда мешавад.

57. Шакли ариза ва номгӯйи ҳуҷҷатҳои дигаре, ки ба мақомоти андоз ҷиҳати баҳисобгирӣ (бекоркунии баҳисобгирӣ)-и воҳидҳои алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ, дигар объектҳои андозбандӣ ва (ё) объектҳои марбут ба андозбандӣ пешниҳод карда мешаванд, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешаванд.

## 6. ПЕШБУРДИ ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН

58. Пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии андозсупорандагонро (минбаъд - Феҳрист) мақоми ваколатдори давлатӣ дар асоси иттилооти электронии баҳисобгирӣ анҷом медиҳад.

59. Пешбурди Феҳрист амалҳои зеринро дар бар мегирад:

- ворид намудани маълумот дар бораи андозсупорандагон;

- тағйир додан ва (ё) илова намудани маълумот дар бораи баҳисобгирии андозсупорандагон;

- хориҷ намудани маълумот дар бораи андозсупорандагон.

60. Мақомоти андоз мутобиқи талаботи қисми 10 моддаи 78 Кодекси андоз ба Феҳрист маълумоти зеринро ворид менамоянд:

- дар бораи шахси воқеӣ, аз ҷумла шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд - оид ба маҳалли истиқомат ва (ё) будубоши муваққатии ӯ;

- дар бораи шахси ҳуқуқӣ-резидент, филиал ва намояндагии он, филиал ва (ё) намояндагии шахси ҳуқуқии ғайрирезидент - оид ба маҳалли ҷойгиршавии онҳо;

- дар бораи шахси ҳуқуқӣ-ғайрирезиденте, ки фаъолияташро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ бе таъсис додани филиал ва (ё) намояндагӣ амалӣ менамояд, - оид ба маҳалли ҷойгиршавии агенти вобаста - шахсе, ки функсияҳои муассисаи доимии ғайрирезидентро амалӣ менамояд;

- дар бораи шахси воқеӣ ва ҳуқуқии ғайрирезиденте, ки коғазҳои қиматнок, ҳиссаи иштирок, молу мулки ғайриманқулро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мехарад (мефурӯшад), - оид ба маҳалли ҷойгиршавии ин молу мулк ва (ё) резиденте, ки ваколати пешбурди Феҳристи соҳибони коғазҳои қиматнок ва (ё) ҳиссаи иштироки зикргардидаи резидентро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта, коғазҳои қиматнок, ҳиссаи иштирок ва (ё) молу мулки ғайриманқулро мехарад (мефурӯшад);

- дар бораи намояндагии дипломатӣ ва намояндагии ба он баробаркардашудаи давлати хориҷӣ, ташкилоти байналмилалии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсияшуда - оид ба маҳалли ҷойгиршавии онҳо;

- дар бораи ғайрирезиденте, ки фаъолияташро бе таъсис додани филиал ва намояндагӣ тавассути муассисаи доимӣ амалӣ менамояд,оид ба маҳалли бақайдгирии шахсе, ки ваколатҳои муассисаи доимии ғайрирезидентро амалӣ менамояд;

- дар бораи ғайрирезиденте, ки дар ташкилотҳои қарзии молиявии резидентӣ суратҳисоб мекушояд, - оид ба маҳалли ҷойгиршавии ташкилоти қарзии молиявӣ-резидент (агенти андоз);

- дар бораи шахсони хориҷие, ки мустақиман ба шахсони воқеӣ хизматрасониҳои фосилавиро (электрониро) анҷом медиҳанд;

- дар бораи шахси воқеие, ки ба синни 16 нарасидааст - оид ба маҳалли истиқомат ва намояндаи қонунӣ ё ваколатдори ин шахс;

- дар бораи воситаҳои нақлиёти ҳавоӣ ва дигар воситаҳои нақлиёт - оид ба маҳалли ҷойгиршавии соҳибмулк;

- дар бораи молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин - оид ба маҳалли воқеии ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқул, соҳибмулк, қитъаи замин ва дорандаи ҳуқуқи истифодаи замин.

61. Ба Феҳрист маълумот оид ба шахсоне, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" аз қайди давлатӣ гузаштаанд, ворид карда мешавад.

62. Мақомоти андоз тибқи тартиби пешбининамудаи Кодекси андоз Феҳристи ягонаи давлатии андозсупорандагонро тариқи махзани маълумот пеш мебаранд ва ҳифзи иттилооти дар он ҷамъоваришавандаро таъмин менамоянд.

## 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

63. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани баҳсҳо ва ё гуногунфаҳмӣ дар татбиқи Қоидаҳои мазкур онҳо бо тартиби муқарарнамудаи қонунгузорӣ баррасӣ карда мешаванд.

64. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қоидаҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.